# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

Мутобиқи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба коррупсия" фармон медиҳам:

1. Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои марҳилаи якум (солҳои 2021- 2025) тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати амалисозии стратегия ва нақшаи чорабиниҳои амалисозии он чораҳои дахлдор андешад.

3. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот:

- ҷиҳати таъмини иҷрои стратегия ва нақшаи чорабиниҳои амалисозии он нақшаҳои кори дохилиидоравиро барои хар сол тақия ва тасдиқ намоянд;

- оид ба иҷрои стратегия ва нақшаи чорабиниҳои амалисозии он ҳамасола ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот ирсол намоянд.

4. Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола мониторинги маҷмӯии ҷараёни иҷрои стратегия ва нақшаи чорабиниҳои амалисозии онро гузаронида, аз натиҷааш ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

5. Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати иҷрои стратегия ва нақшаи чорабиниҳои амалисозии онро таъмин намоянд.

**Президенти**

**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

**ш. Душанбе**

**3 августи соли 2021, № 222**